Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.KOA-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба яке аз масъалаҳои мубраму ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Иқтисод механизми мураккаб аст. Аксари соҳаҳои бозор метавонанд дар шароити рақобат самаранок рушд ёбанд, аз ин рӯ вазифаи давлат дар он фароҳам овардани шароит барои рушди онҳо мебошад. Аммо, дар низоми бозор соҳаҳое ҳастанд, ки бинобар рақобат ба натиҷаҳои баланд ноил шудан мумкин нест. Ба онҳо, пеш аз ҳама, доираи фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ: интиқоли нафт ва маҳсулоти нафтӣ тавассути қубурҳои магистралӣ; интиқоли газ тавассути қубурҳо; хизматрасонии барқ ва гармӣ; нақлиёти роҳи оҳан; хизматрасонии терминалҳои нақлиётӣ, бандарҳо, фурудгоҳҳо; хадамоти дастраси барқӣ ва почта; хадамоти диспетчерии фаврӣ дар соҳаи электроэнергетика. Мавҷудияти рақобат дар ин ҷо худро асоснок намекунад, аз ин рӯ, мавҷудияти инҳисор дар ин бахшҳо мувофиқи мақсад мебошад. Воқеияти объективии пайдоиши он, мавҷуд набудани алтернативаҳо ба чунин монополия таърифи онро

ҳамчун "табиӣ" муайян мекунад.

Ба андешаи муаллиф қудрати иқтисодии номаҳдуди соҳибкорӣ дар чунин соҳаҳои бозор хавфи сӯиистифода аз ҳуқуқи истисноиро аз ҷониби онҳо ба вуҷуд меорад. Ин мушкилоти танзим ва назорати фаъолияти онҳоро аз ҷониби давлат ба миён меорад. Ӯ қайд менамояд, ки муносибатҳои байни давлат ва субъектҳои инҳисори табиӣ аҳамияти бузург доранд. Онҳо ба таъмини амнияти буҷаи кишвар ва ҳифзи суботи иҷтимоӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд, зеро соҳаҳои инҳисори табиӣ дар асл заминаи дастгирии зиндагӣ мебошанд. Хусусияти ҳамкориҳои байни давлат ва инҳисори табиӣ барои ҳамаи қишрҳои вақт яксон буда наметавонанд, алахусус таърихан муайян карда шудааст, ки таъсири давлат ба онҳо бояд дар шакли ҳуқуқӣ сурат гирад.

Ба андешаи мо танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ моҳиятан мураккаб буда, он бо истифодаи меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ (гражданӣ, соҳибкорӣ, маъмурӣ, андоз, ҷиноӣ ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Бутунагӣ барои амалӣ намудани ҳадафи асосии таъсири ҳуқуқӣ ба инҳисори табиӣ - ноил шудан ба тавозуни манфиатҳои хусусӣ ва давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инҳисори табиӣ таҳия шудааст. Танзими дурусти инҳисори табиӣ мутобиқати талаботҳои танзимро, ки дар соҳаҳо ва институтҳои гуногуни ҳуқуқӣ, инчунин дар санадҳои сершумори ҳуқуқӣ мавҷуданд, дар назар дорад. Дараҷаи мувофиқати талаботҳои ҳуқуқӣ ва аз ин рӯ самаранокии онҳо танҳо тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи ин муносибатҳо ошкор карда мешаванд.

Мушкилоти таъсири ҳуқуқӣ ба инҳисори табиӣ бештар аз сабабҳои хусусияти иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ доштани онҳо вобастаанд. Онҳо хусусан дар доираи ислоҳоти инҳисори табиӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, шадид мебошанд. Равандҳои таҷдиди сохтор, аз инҳисоротбарорӣ дар соҳаи энергетика, алоқа, нақлиёти роҳи оҳан зарурати таҳияи механизмҳои аниқи ҳуқуқиро муайян мекунанд. Бо

вуҷуди зарурати мавҷуда, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти мустақили илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ то имрӯз вуҷуд надошт. Танҳо таҳқиқотҳое мавҷуданд, ки ба паҳлӯҳои алоҳидаи масъала бахшида шудаанд. Ҳолатҳои зикргардида мубрамияти интихоби мавзӯи тадқиқотро муайян кардаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Д.А. бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф нуктаҳои илмӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи **Ҷаборов Диловар Абдуқаҳоровичро** собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Тадқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф масъалаҳои таъмини аҳолӣ ба хизматрасониҳо дар соҳаҳоҳи гуногуни ҳаётан зарур аз ҷониби субеъктони инҳисори табиӣ арзёбӣ шудаанд.

Махсусан, ҳалли вазифаҳое, ки дар рисола пешниҳод шудаанд, ба андешаи мо барои пурра ошкор намудани паҳлӯҳои гуногуни масъала ва моҳияти илмии он мусоидат намудаанд, аз ҷумла: омӯхтани ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи инҳисори табиӣ дар ҶТ; муайян кардани мафҳуми инҳисори табиӣ чун зуҳуроти иқтисодӣ-ҳуқуқӣ; муайян кардани мафҳум ва вижагиҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ; муайян кардани асосҳои молумулкии фаъолияти субъектҳои инҳисори табиӣ; омӯзиши вижагиҳои муносибатҳои шартномавӣ бо иштироки субъектҳои инҳисории табиӣ; муайян кардани ҷавобгарии граждании-ҳуқуқии субъектҳои инҳисори табиӣ.

Ин рисола барои баррасии мукаммали масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ иддао надорад. Масъала ҷанбаҳои гуногун дорад: ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, технологӣ,

иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳатто фалсафӣ. Ба ин маъно, он бисёрсоҳавӣ аст. Берун аз доираи таҳқиқот, масъалаҳои боз ҳам дақиқи баррасии низоми мақомоти танзим ва назорати инҳисори табиӣ, муайян кардани мақоми онҳо, тартиби амалигардонӣ ва тартиби ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимият боқӣ монданд. Ин маҳдудияти мавзӯи таҳқиқот аз рӯи мавзӯи рисола ва ҳаҷми он муайян карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии **Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович** дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

**Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ оид ба меъёрҳои қонунгузории граждании ва сохибкорӣ мебошад, ки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои дар соҳаи танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи маъхазҳо иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, хамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда халлу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда, оид ба ҷанбаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои дар соҳаи инҳисори табиӣ тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи маъхазҳо аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошад, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи таҳқиқшаванда имконият додаанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, ки дар таҷриба санҷида шудаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, хамчунин усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Дар ҷараёни таҳқиқот инчунин усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқот,

ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро омода намояд.

**Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд,** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ дар соҳаи инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллиф бо дарназардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин масъаларо мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ дар соҳаи инҳисори табиӣ мукаммал гардонида, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии дар сатҳи дахлдор рушд кардани фаъолияти инҳисори табииро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои соҳавӣ, қонунҳо, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи энергетикӣ ва ғайраҳо истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи рушди қонунгузории кишвар баромад карда, дар оянда мумкин аст, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба соҳаи инҳисори табиии ҶТ истифода бурда шаванд.

Нуктаҳои зерини диссертатсия сазовори таваҷҷуҳ буда, мусбат

арзёбӣ мегарданд:

- пешниҳоди мафҳум ва хусусиятҳои муносибатҳои инҳисори табиӣ;

- таҳлили марҳилаҳои бавуҷудоӣ ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи инҳисори табиӣ;

- пешниҳоди мафҳуми танзими давлатии муносибатҳои субъекти инҳисори табиӣ ва хусусиятҳои он;

- пешниҳод дар хусуси муносибатҳое, ки дар шароити инҳисори табиӣ ба вуҷуд меоянд, бо маҷмӯи сершохаи санадҳои қувваю аҳамияти гуногундошта танзим мегарданд.;

- ошкор ва муайян намудани мушкилиҳо дар самти танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ бинобар мавҷуд будани санадҳои зиёд, инчунин роҳҳои бартараф намудани онҳо;

- пешниҳодҳо доир ба мафҳуми шартномаҳои соҳибкорӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ.

**Автореферат дар маҷмӯъ мазмуни диссертатсияро ифода менамояд.** Муҳтавои асосӣ, хулосаву тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой доранд, дар 15 мақолаи илмии нашршуда, аз ҷумла 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр шуда, инъикоси худро ёфтаанд.

**Мазмуни диссертатсияро мусбӣ арзёбӣ намуда, дар навбати худ баъзе эродҳои зеринро қайд намудан ба маврид аст.**

1. Муаллиф дар навгонии 2 мафҳуми инҳисори табииро чунин муайян намудааст: "Инҳисори табиӣ зуҳуроти иқтисодиву ҳуқуқӣ мебошад, ки ифодакунандаи ҳолати бозорест, ки дар он бо дарназардошти махсусиятҳои технологӣ ва ё иқтисодӣ бавуҷудории шароити рақобатнок барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда ба хизматрасонӣ ба мақсад мувофиқ нест. Инҳисори табиӣ аз як тараф барои маҳдуд намудани фаъолияти рақобатноки

субъектони хоҷагидори дигар ба истисноi хизматрасонии соҳаи муталлиқи инҳисори табиӣ монеа нашуда, аз тарафи дигар фаъолияти инҳисориро, ки қонунугузорӣ манъ намудааст, ифода намекунад."

Ба андешаи мо ин мафҳум пурра набуда, ҳамаи паҳлӯҳои масъаларо дарбар намегирад. Дар ҳақиқатан ҳам инҳисори табиӣ падидаи ҳам иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ мебошад. Он аз ҷиҳати мазмунӣ иқтисодӣ буда, аммо аз ҷиҳати шакл ҳуқуқӣ мебошад. Усулҳои (шаклҳои) танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ аз рӯи хусусиятҳои иқтисодии онҳо муайян карда мешаванд.
Инҳисори табиӣ ифодаи ҳуқуқии худро ҳамчун ҳуқуқи махсуси эътирофкардаи давлат дар доираи ҳамон як бозори маҳсулот ба сабаби иқтисоди миқёси истеҳсоли молҳо, ки ивазнашавандаанд ва талабот ба тағирёбии нархҳои онҳо вобаста нест, меёбанд. Субъекти хоҷагидорӣ, ки дорои инҳисори табиӣ мебошад, ҳамчун дорандаи ҳуқуқи махсус баромад мекунад (монополияи табиӣ, субъекти монополияи табиӣ). Дар ин ҷо бояд мафҳуми инҳисори табиӣ, ки дар моддаи 4 Қонуни ҶТ "Дар бораи инҳисороти табиӣ " дода шудааст, бояд ба инобат гирифт.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба моддаи 147 КГ ҶТ қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Ашёи мураккаб маҷмӯи молумулке мебошад, ки бо мақсади умумии истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ (қубурҳо, хатҳои интиқоли барқ, роҳи оҳан, бандарҳо, терминалҳои нақлиётӣ ва ғайра) муттаҳид гардонида мешавад».

Ба андешаи мо ин пешниҳоди муаллиф бармаҳал буда, ҳамаи паҳлӯҳои масъала омӯхта нашудаанд. Қисми 1 моддаи 147 КГ ҶТ мафҳуми умумӣ буда, ҳамаи аломатҳои ашёҳои мураккабро дарбар мегирад. Аз ин лиҳоз илова намудани чунин меъёр ба КГ ҶТ, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда нашудааст ва зарурат низ надорад, бармаҳал мебошад.

3. Дар санадҳои қонунгузорӣ ва мазмуни диссертатсия мафҳумҳои "инҳисорот" дар ном ва моддаҳои гуногуни Қонуни ҶТ "Дар бораи

инҳисороти табий", дар моддаи 2 қ. 3 ва 4, дар моддаи 4, дар моддаи 5 қ. 1, дар моддаи 6, дар моддаҳои 7, 8, 9 ва ғайраҳо мафҳуми "инҳисори табий", дар диссертатсияи бошад, асосан мафҳуми "инҳисори табий" ва дар баъзе ҳолатҳо "инҳисорҳои табий", "инҳисороти табий" (саҳ. 28 дис.) омадааст, ки номаълум боқӣ мондаанд, ки ин мафҳумҳо ҳаммаъноянд ё аз якдигар ягон тафовут доранд. Аз ин лиҳоз, мехостем ақидаи муаллифро дар ин бора дар рӯзи ҳимояи ошкоро фаҳмем.

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқикоти диссертатсионӣ накши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмахои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ саҳми сазовори худро гузоранд. Умуман, диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди кишвар мубрам мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми хуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии

муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, ки дар натиҷа мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи **Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович** дар мавзӯи **«Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Муаллифи диссертатсия **Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович** бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Сарходими Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба**
**номи А. Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33**
**Моб: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70**
**Email: bobojonov_i@mail.ru**

**имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба**
**номи А. Баҳоваддинови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Кучарова Б.Д.**